Муродалӣ Собир



# Оҳанги Варзоб



Китоб – чашмаи хушкнашавандаи дониш аст. Асрхову хазорсолахо бигзаштаву одамон ханӯз ба ин чашма ниёз доранд.
Китобро дӯст дор, одамон хам туро дӯст хоханд дошт.

Муроватӣ Собир

КИТОБРО ДАР МУХЛАТИ КАЙДШУДА БАРГАРДОНЕД

ISBN 978-99947-53-30-7

С-83
14091

Муродалӣ Собир

# Оҳанги Варзоб



ТЧБ «Истиқбол»
2009

# Модар

Дар рӯи олам
Монанди модар.
Ҳаргиз набошад,
Бар ҷон баробар.

Аз меҳр ӯро
Дар дил, ки кон аст.
Номаш чун хуршед
Бас ҷовидон аст.





# Мактабу муаллим

Сар мешавад ба олам,
Роҳи дарози матлаб.
Аз ҳикмати муаллим,
Аз остони мактаб.

Бе мактабу муаллим,
Дунё ҳамеша тор аст,
Бо мактабу муаллим
Як умр навбаҳор аст.

# Шодии танбал

Анвар аз мактаб омад
Табассум дар лаб омад.
Гуфто ба модараш шод:
–Аз мактаб шудам озод.
Хурсандам аз дилу ҷон,
Таътил сар шуд, модарҷон!
Чӣ мешавад, ки таътил
Бошад ба ҷои таҳсил?!.
Фақат се моҳак хонӣ,
Хоҳ донӣ – хоҳ надонӣ.
Нӯҳ моҳи дигари сол
Гардӣ беғаму хушҳол.



# Чашмаи кӯҳӣ

Эй чашма, доим
Ҳастӣ ту дар ҷӯш.
Бар мо ту гӯӣ:
–Гар ташнаӣ, нӯш!

Нӯшидам, обат
Софу зулол аст.
Чун шири модар
Обат ҳалол аст.





# Кӯдаки дарё

Оби шӯхи чашмасор
Чун кӯдаки беқарор,
Аз оғуши кӯҳистон
Сӯи дарё рахсипор.

Рӯди калони калон –
Чун модари меҳрубон
Ӯро гирифта дар бар,
Барад ба сайри ҷаҳон.

# Ёрӣ

Якто-якто по монда,
Дидам, холаи Нигор
Аз роҳи мо меравад
Ҳарду dасташ пури бор.

Гирифта халтаашро
Ба ӯ ёрӣ расондам.
То пеши дарвозааш
Борашро бурда мондам.

Хам шуда аз бари рӯ
Бӯсаам карду гуфто:
–Ба ту ҳоло медиҳам
Як чизи хеле зебо.

Сонӣ, аз халтааш дод
Ба ман себи гулобӣ.
Гуфтам: –Ташаккур, хола,
Гуфто: –Барака ёбӣ!





# Парасту

Навбаҳорон меоӣ,
Аз ҷоҳои дуродур.
Месозӣ лона бо меҳр,
Мисли косаи булӯр.

Дигар нарав аз ин ҷо,
Парасту, эй парасту!?
Дар шифти хонаи мо
Барҷост лонаи ту!



# Шамолак

Тути фаровон пухта–
Шада-шада марворид.
Аз дасти ту, шамолак,
Ба мисли борон борид.

Наё чунин шитобон,
Шӯхии беҷо макун.
Рав, ба кӯху биёбон,
Тут, таги по макун!



## Варзоб

Дар ин дараи гулбоғ,
Дар ҳар талу зову роғ,
Як олами ҳусну роз
Дар дида бигардад боз.

Ин лола чӣ хушрӯ аст,
Ҳулбӯй чӣ хушбӯ аст.
Биншаста ба шохи гул,
Хонад ҳама дам булбул.

Оҳанги хуши Варзоб,
Хезад зи садои об.
Ин рӯд ки Варзоб аст,
Пурҷушу пур аз об аст.


**Муродалӣ СОБИР**
**«Оҳанги Варзоб»**
*(шеърҳо барои кӯдакон)*

Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16,
ТЧБ «Истиқбол» – 2009.

Муассис ва мушовир Латофати Кенча
Муҳаррир Юсуфҷон Аҳмадзода
Мусаввир Абдусаломи Абдулло
Тарроҳ Комрони Раҳмонзод
Мусаҳҳеҳ Ганҷинаи Муллоҷон

Ба чоп супорида шуд 15.03.2009.
Ба нашраш имзо шуд 27.03.2009.
Андозаи 60x84 $^{1}/_{16}$. Ҷузъи чопию ҳисобӣ 2,5.
Адади нашр 5.000. Нархаш шартномавис.

ISBN 978-99947-53-30-7

Дар интишороти «Mega-Basim» (Туркиё) чоп шудааст